**ТАҚРИЗИ**

муқарризи холис ба диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии диссертатсияи Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле муҳим арзёбӣ гардида, ба таҳқиқоти ҳозиразамон ва актуалӣ маҳсуб будани он шаҳодат медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Дадобоева Муслима Бахтиёровна як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқ аст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифода шуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд, асосҳои методологӣ, марҳалаҳо ва методҳои таҳқиқот таъйин шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим» моҳияти мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» муайян гардида, хусусиятҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ таҳлил шуданд, амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ коркард гардида, хулосаҳо бароварда шудаанд.

Дар боби дувуми диссертатсия «Технологияи педагогии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълими фанҳои биологӣ» таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳлили методҳо, шаклҳо ва воситаҳои асосии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои диди аксиологӣ амалӣ гардида, ҷанбаи самарабахшии технология оид ба ҷорӣ намудани амсила ва санҷиши шартҳои педагогии самтгирии аксиологии фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар таълими фанҳои биологӣ муайян карда шудааст ва хулосаҳою тавсияҳои илмӣ бароварда шудаанд.

Кори диссертатсионӣ мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои сершумори фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар диссертатсия чунин навгониҳои илмии таҳқиқот ба даст оварда шудаанд:

- мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии фаъолияти маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундарича пурра гардид;

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард шуд;

- гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ муқаррар гардиданд;

- шартҳои педагогие асоснок шуданд, ки ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд;

- имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шуданд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- амсилаи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ коркард ва ҷорӣ гардид;

- таъсири технологияҳои педагогӣ ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ аз санҷиш гузаронида шуд;

- тавсияҳои методӣ оид ба фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ мураттаб гардида, интишор ёфтанд;

- анкета ва тестҳое таҳия ва санҷида шуданд, ки барои баҳодиҳии сатҳи фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ имкон медиҳанд.

Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосии назариявӣ ва хулосаҳои амалӣ бо таҳқиқоти аналитикӣ ва озмоишӣ, коркарди маълумот бо истифодаи методҳои омори математикӣ, корбурди маҷмӯи методҳои илмӣ-педагогие, ки ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ мувофиқанд, таъмин мегардад.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзияи (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Омӯзиш ва таҳлили назариявӣ ва амалӣ, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, коркарди миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки рушди фаъолнокии фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ тибқи муносибати аксиологӣ барои баланд бардоштани маърифатнокии хонандагон оварда мерасонад ва мувофиқан, фарзияи тадқиқотро тасдиқ менамояд.

Умуман, диссертатсияи Дадобоева М.Б. таҳқиқоти анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва рисола ба ҳимоя дар шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тавсия дода мешавад.

Муқарризи холис, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси
МДТ “ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров” Вализода Шоирахон

*Имзои Ш.Вализодаро тасдиқ менамоям.*
*Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*